**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Алиева Ҷамила Файзовна дар мавзуи «Нақши Садриддин Айнӣ дар таҳрири забони асарҳои бадеӣ ва публитсистӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Асарҳое, ки дар тӯли таърихи дуру дарози адабиёт ҳамчун шоҳкории нотакрор шинохта шудаанд, борҳо аз тарафи худи нависандагону офарандагонашон мавриди таҳзибу таҳрир қарор гирифтаанд. Муҳаррирӣ фаъолияти заҳматталаб буда, иҷрои он аз муҳаррир сатҳи баланди забондонӣ, маърифату ҷаҳонбинии васеъ, мутолиаи фаровон ва гузашта аз ин маҳорату малакаро талаб мекунад. Вақте ки мавзӯи пажӯҳиш ба фаъолияти муҳарририи нависандагони бузург иртибот пайдо мекунад, арзиши ин масъала боз ҳам афзунтар мегардад. Мубрамияти мавзуи диссертатсияи номзадии Алиева Ҷамила Файзовна дар мавзуи **«Нақши Садриддин Айнӣ дар таҳрири забони асарҳои бадеӣ ва публитсистӣ»** дар он зоҳир мешавад, ки дар забоншиносии тоҷик аввалин бор фаъолияти муҳарририи С. Айнӣ ва услуби устод дар таҳрири асарҳои бадеиву публитсистӣ мавриди омӯзишу таҳлилу таҷзияи васеъ қарор мегирад. Рисолаи мазкур таҳқиқоти мукаммалу анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад, ки арзиши назариявию амалӣ дорад.

Аҳамияти мавзуи рисола дар он зоҳир мешавад, ки фаъолияти муҳарририи устод Айнӣ аз ҷониби муҳаққиқони соҳаи филология, аз ҷумла олимони адабиётшинос як дараҷа таҳқиқ шуда бошад ҳам, аз нуқтаи назари забоншиносӣ бисёр паҳлуҳои омӯхтанашуда низ дорад, ки услуби таҳрири забони асарҳои бадеӣ ва публисистӣ аз ҷониби устод Садриддин Айнӣ аз ҷумлаи онҳост. Аз ин рӯ таҳқиқи мавзуи мазкур саривақтӣ ва муҳим арзёбӣ мегардад.

Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир мешавад, ки бори нахуст фаъолияти муҳарририи устод Айнӣ дар заминаи осори

адабию публитсистӣ, ҷузъиёти кори Садриддин Айнӣ дар таҳрири осори худи устод, муносибати устод Айнӣ бо осори адибони муосир аввалин бор таҳлилу арзёбӣ шуда, мавриди таҳқиқи монографӣ қарор гирифтааст.

Дар ибтидо аҳамияту муҳимияти мавзуи таҳқиқ асоснок карда шуда, самт ва объекти таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳо, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти илмию амалии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда асоснок карда шуда, роҷеъ ба сарчашмаю усулҳои пажӯҳиш маълумот дода шудааст.

Боби якуми диссертатсия **«Асосҳои назариявӣ ва амалии таҳрири адабӣ»** номгузорӣ шуда, ҳафт фаслро дар бар мегирад. Муаллифи рисола дар ин фаслҳо масъалаҳои маънии истилоҳии таҳрир, адабиёти бадеӣ ва муҳаррирӣ, тарзҳо ва меъёрҳои арзёбии матни адабӣ, усулҳои кори муҳаррири асарҳои бадеӣ, махсусиятҳои таҳрири жанрҳои адабӣ, кори муҳаррирӣ ва нашри осори бадеии классикон ва таърихи таҳрири адабиро баррасӣ менамояд.

Боби дуюми диссертатсия **«Фаъолияти муҳарририи Садриддин Айнӣ»** фарогири панҷ фасл аст. Дар ин қисмати кор фаъолияти муҳарририи Садриддин Айнӣ дар манзари нақди адабӣ, нақши Садриддин Айнӣ дар таҳрири осори худи устод, Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ ва кори муҳаррирӣ, Садриддин Айнӣ ва таҳрири осори классикон, Садриддин Айнӣ ва таҳрири осори тарҷумашуда мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Боби сеюми диссертатсия **«Нақши Садриддин Айнӣ дар таҳрири осори нависандагони тоҷик»** аз чор фасл иборат буда, муҳимтарин масъалаи фаъолияти муҳарририи устод Айниро дар мегирад, ки дар фаъолияти муҳақиқони соҳа ва махсусан эҷодкорон хеле судманд аст.

Натиҷаҳои илмии аз рисола бадастомада дар таҳқиқи минбаъдаи ҷанбаҳои мукаммал таҳқиқнашудаи масъалаҳои мухталифи таҳрири адабӣ, ҳамчунин зимни таҳқиқи эҷодиёти нависандагони алоҳида

манфиатбахш хоҳанд буд. Маводи рисоларо ҳангоми омӯзишу таҳқиқи мавзӯи фаъолияти муҳаррирӣ, таҳияи курси лексияҳо роҷеъ ба «Услубшиносӣ ва таҳрири адабӣ», «Хусусиятҳои таҳрири осори адабӣ», «Таҳрир ва матншиносӣ», «Таҳрири адабии медиаматнҳо» ва ғ. дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва олӣ мавриди истифода қарор додан мумкин аст. Натиҷаи таҳқиқоти мазкур ва тавсияҳои он ҳангоми баргузории курсу семинарҳои махсус истифода шуда метавонад. Нуктаҳои муҳимтарини он ба китобҳои дарсию васоити ёрирасони таълими забони тоҷикӣ ворид гардида, як паҳлуи норавшани таълими забони модариро мукаммал хоҳад кард.

Диссертатсияи номзадии Алиева Ҷамила Файзовна дар мавзуи «Нақши Садриддин Айнӣ дар таҳрири забони асарҳои бадеӣ ва публисистӣ» кори баанҷомрасида буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 Забони тоҷикӣ мебошад.

Роҳбари илмӣ:
доктори илми филология,
профессори кафедраи услубшиносӣ
ва таҳрири адабии ДМТ Ҷӯраева М.Р.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе, Буни Ҳисорак, 10.
тел.: (+992 93) 880 93 01
e-mail: light_angel-65@mail.ru
“8” декабри соли 2023

«Имзои профессор М.Р.Ҷӯраеваро тасдиқ мекунам»
Сардори раесати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе, хиёбони Рудаки, 17.
тел.: (+992 37) 221 78 11
e-mail: info@mail.ru